**Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Барои маълумоти иловагӣ метавонед ба Маркази имунопрофилактикии ноҳиявӣ муроҷиат намуда, маълумоти бештар вобаста ба иммунизатсияи зидди коронавирусро гиред.

Дар дастури итилоотии мазкур Шумо нисбат ба ваксинаи иловагӣ ва аломатҳои он бештар маълумот хоҳед гирифт. Шумо метавонед маълумоти мазкурро тавассути онлайн низ дастрас намоед.

Шумо метавонед ба суроғаи зерин дар тамос шавед ва нусхаи чопии дастури мазкурро дастрас намоед: ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 48; бинои Маркази ташхис ошёнаи 12;

Шумо метавонед оид ба аломатҳое, ки пас аз гирифтани иммунизатсия доред ба мо хабар диҳед. Шояд барои ин ба Шумо кӯмак лозим ояд.
Ба телефони зерин ва ё суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоед 234 00 29.

# ВАКСИНАТСИЯИ

## иловагӣ (бустер) зидди коронавирус

(COVID-19)



# Коронавирус чист?

Коронавирус метавонад ҳолати саломатии шуморо бад созад. Короновирусро КОВИД 19 низ меноманд.



Эмин нигоҳ доштани худ ва наздиконатон аз коронавирус муҳим аст.





Коронавирус метавонад саломатии пиронсолонро, ки бемориҳои музмин доранд боз ҳам душвортар созад.

Яке аз усулҳои муҳофизат кардан аз беморӣ ва мустаҳкам кардани саломатии худ – ин гирифтани ваксина аз коронавирус мебошад, ки шуморо аз беморӣ эмин нигоҳ медорад.

Одамони дорои маъюбият низ ба гуруҳи нафарони осебпазир дохил мешаванд, ва аз коронавирус зиедтар азият мекашанд.





# Ваксинаи иловагӣ (бустер) аз коронавирус

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтани ваксинаи иловагиро (бустер) ба ҳамаи аҳолӣ тавсия медиҳад.

Ваксинаи иловагӣ ба мӯҳлати бештар шуморо аз бемории вазнин ҳифз менамояд.



# Шахсоне, ки бояд ваксина гиранд:

Барои ҳамаи шахсони аз синни 18 сола боло тавсия дода мешавад.





Шахсони дорои маъюбият ва шахсони дорои бемориҳои музмин низ, бояд ваксина гиран

## Барои чӣ бустер ва ё ваксинаи иловагӣ лозим аст?



Муҳофизати ваксинаи коронавирус дар бадани шумо абадан боқӣ намемонад, аз ин рӯ муҳим аст, ки ваксинаи иловагӣ гиред то ки ба мӯҳлати дарозтар дар ҳолати бехатар бошед.

## Ваксинаи иловагиро (бустер)-ро кай бояд кард?

Бустер - ин ваксина ё вояи иловагиест, ки пас аз гузаронидани ду ваксинаи асосӣ, ҳамчун илова барои мустаҳкам намудани бехатарӣ аз беморшавӣ, пас аз 4- 6 моҳ баъди гирифтани ваксина бояд такроран гирифта шавад.






Ваксина бехатарии шуморо то он даме ҳифз менамояд, ки шумо ваксинаи иловагиро нагиред.



Шумо метавонед ваксина бар зидди зуком ва бустерро дар як вақт гузаронед ва ин бехатар аст.

## Кадом намуди ваксинаи иловагӣ ( бустер)-ро ба ман тавсия медиҳанд?

Намудҳои зиёди ваксинаҳои зидди коронавирус вуҷуд доранд.

| | Номгӯи ваксина | Тавсияҳои ваксинаи иловагӣ (бустер ) аз ҷониби ВТҲИАҶТ ва СУТ |
|---|---|---|
| 1 | Файзер<br>Pfizer<br>(BNT162b2) | - 1 вояи иловагӣ (сеюм) бо фосилаи аз 4 то 6 моҳ баъд аз вояи дуюми ин ваксина.<br>- 2 вояи иловагӣ (чорум воя) бо фосилаи аз 3 то 6 моҳ баъди вояи сеюм тавсия дода мешавад. |
| 2 | КоронаВак<br>SINOVAC | - 1 вояи иловагӣ (сеюм воя) бо фосилаи аз 4 то 6 моҳ б аъд аз вояи дуюми ин ваксина гузаронида мешавад.<br>- 2 вояи иловагӣ (чорум воя) бо фосилаи аз 3 то 6 моҳ баъди вояи сеюм тавсия дода мешавад (шахсони 18 сола ва боло). |
| 3 | Модерна<br>Moderna<br>(мРНК-1273) | - 1 вояи иловагӣ (сеюм воя) бо фосилаи аз 4 то 6 моҳ б аъд аз вояи дуюми ин ваксина гузаронида мешавад.<br>- 2 вояи иловагӣ (чорум воя) бо фосилаи аз 3 то 6 моҳ баъди вояи сеюми ин ваксина барои шахсони бо норасогии масуният (тавсияҳои муваққатии СУТ). |
| 4 | Ҷанссен<br>(Johnson&Johnson) | - 1 вояи иловагӣ (сеюм воя) бо фосилаи 6 моҳ баъд аз вояи дуюми ин ваксина гузаронида мешавад. |

## Оё пас аз гирифтани ваксина коронавирус шудан мумкин аст?



Ваксинаи иловагӣ ва ё бустер на ҳамаро аз гирифтор шудан ба коронавирус муҳофизат менамояд,  агар шумо ваксинаи иловагӣ кунед , метавонад шуморо аз бемории вазнин ё фавтидан эмин нигоҳ дорад.

Ғайр аз ин якчанд рӯз лозим меояд, ки организми шуморо ваксинаи иловагӣ ҳифз намояд..



## Агар шумо 2 ваксинаи аввали зидди коронавирусро гирифта набошед

## Бояд ҳатман гиред.



Шумо бояд бо духтури оилавиатон оид ба гирифтани ваксина ва ё дигар масъалаҳои ваксинатсия, ки бароятон лозим меоянд, машварат кунед.

Агар Шумо хоҳиши гирифтани ваксинаи иловагӣ дошта бошед , метавонед ба Маркази саломатии деҳаи худ ва духтури оилавиатон муроҷиат намоед.



**Пас аз он ки шумо 2 ваксина гирифтед, баъд аз 4-6 моҳ бояд ваксинаи иловагӣ гиред.**

## Баъзе аломатҳое, ки шумо метавонед пас аз гирифтани ваксинаи иловагӣ ҳис намоед



- Дар давоми 2 ва ё 3 рӯз шумо вазбинӣ ва ё дард дар ҷои гузаронидани ваксина ҳис менамоед.
- Шумо метавонед дарди сар дошта бошед.
- Мондашавӣ ва беҳолиро ҳис намоед.
- Ҳис менамоед, ки зуком доред.

Агар шумо чунин аломатҳо дошта бошед, метавонед то ҳадди имкон истироҳат намуда аз парацетамол, истеъмол намоед.

Ҳарорати бадани шумо метавонад баланд шавад ва шумо гармӣ ва ё баръакс хунук хуред, лекин ин ҳолат набояд аз 2 – 3 рӯз зиёд бошад.

Агар ҳарорати бадани шумо баланд ва ё паст шудан гирад ва шумо хунук мехӯред е баръакс гарм шуда дар баробари чанд рӯз ҳолат беҳтар намешавад бояд ба духтур муроҷиат намуда , дар хона истед.

Ба Маркази саломатӣ дар ҳолати лозима (агар ёрии таъҷилӣ ва ё маслиҳати тиббӣ лозим ояд) дар тамос бошед.

## Ҳангоми ҳис намудани нишонаҳои зерин Шумо бояд бо духтуратон тавассути телефон дар тамос шавед:

- Нафастангӣ ва нафаскашии вазнин
- Дард дар қафаси сина ё дигар шудани таппиши дил.



## Ҳастанд одамоне, ки ба онҳо ваксинаи иловагӣ тавсия дода намешавад?



Барои шумораи бештари одамон ваксинаи иловагӣ (бустер) бехатар аст.

Дар ҳолате, ки агар шумо аз гирифтани ваксинаҳои аввали зидди COVID 19 худро бад ҳис кардед, шумо бояд бо духтуратон маслиҳат кунед.

